**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Шоҳин Нуриддин дар мавзӯи «Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Душанбе, 2019)**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории ҷиноятӣ мавриди такмили пурра қарор гирифта, дар баробари дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ соҳаҳои иқтисодиёти кишварро низ аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифз менамояд. Вобаста ба ин зикр бояд намуд, ки яке аз ҷиноятҳое, ки ба соҳаи иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ мерасонад, ин ҷинояти қочоқ ба шумор меравад. Ҷинояти мазкур на танҳо ба иқтисодиёти миллӣ, инчунин ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ зарари калон расонида, густариши савдои берунӣ ва ҷалби шумораи зиёди субъектони хоҷагидориро дан ин самт халалдор менамояд. Бо дарназардошти ин ҳолат, муқовимат бо ҷинояти қочоқ ифодакунандаи таъмини амнияти иқтисодӣ дар кишвар ба ҳисоб рафта, самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Мавзӯи Ш.Н. Саидзода, ки ба масъалаи мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ бахшида шудааст, ба таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии ҷинояти мазкур, муқаррар намудани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти марбут ба қочоқ ва проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ дар ин самт, ки яке аз масъалаҳои мухими ҳалталаб эътироф мешавад, равона гардидааст.

Таҳлили сисилавии татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ҷинояти қочоқ муаммоҳои ҳалталаби ба худ хосро доро буда, вобаста ба ин таҳқиқоти илми соҳавиро талаб мекунанд. Новобаста аз таҳлилҳои алоҳидаи ҷабҳаҳои гуногуни ҷинояти қочоқ, ки муҳаққиқини ватанӣ –С.Э. Бахриддинзода, Р.Ҳ. Раҳимзода, К.Ҳ. Солиев, А.И. Сафарзода, Н.А. Қудратов, Т.Ғайратов ва С.Ҳ. Ҳусейнзода анҷом

додаанд, то имрӯз бо дарназардошти тағйироти қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт мушкилоти алоҳида вуҷуд дорад ва ҳалли онҳо ногузир аст.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти Саидзода Ш.Н. аз нуқтаи назари илмӣ мукаммал буда, ҳамчун саҳми шахсии Саидзода Ш.Н., дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология арзёбӣ мегардад.

Рисолаи диссертасионии тақризшванда дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аз ҷониби Саидзода Ш.Н. дар асоси назарияи мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология таҳия гардида, барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти қочоқ равона гардидаанд.

Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи Саидзода Ш.Н. чун дигар корҳои илмӣ дорои нуқтаҳои алоҳидаи баҳснок низ мебошад. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки «Муқаррар намудани преюдитсияи маъмурӣ барои таркиби ҷинояти қочоқ (қ.1 м. 289 КҶ ҶТ) боиси зиёд шудани шумораи маҳкумшудагон ва маҳрум сохтан аз озодӣ мегардад, зеро ҷой додани преюдитсияи маъмурӣ барои пурзӯр гаштани таъқибнамоии ҷиноятӣ бо роҳи паҳн гаштани доираи амали санксияҳои қонуни ҷиноятӣ ба кирдорҳои маъмурӣ мусоидат мекунад.». Аммо барои исботи ин ақида, ба фикри мо, диссертант асосҳои кофӣ пешниҳод намесозад. Бинобар ин, диссертантро зарур аст, ки дар ҳимояи рисола оид ба ин масъала фикри асосноки худро равон созад.

Новобаста аз ин, эродҳои зикршуда ба сифати кори пешниҳодшуда таҳъсири ҷиддӣ намерасонад. Аз ин рӯ, муаллиф ба мақсадҳои дар наздаш гузоштаро илман асоснок намуда, тавонистааст рисолаи илмии дорои хусусияти комплексиро, ки фарогири тамоми доираи проблемаҳои муқовимат барои қочоқ аз рӯи мавзӯъ мебошанд, омода намояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд ва муаллифи он Саидзода Шоҳин Нуриддин ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология: ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

Муқарриз:
Муовини якуми директори
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., дотсент Баҳриддинзода С.Э.

14 марти соли 2019.

Имзои С.Э. Баҳриддинзодаро тасдиқ менамоям.
Мутахассиси пешбари бахши кадрҳо ва коргузории
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсидинзода И.Б.

14 марти соли 2019.